# 2447 - Оё андозҳо аз закот ҳисоб карда мешавад?

**савол**

Оё барои инсон ҷоиз аст, ки андозҳои бар зиммаи худ бударо аз закоти молҳояш пардохт намояд?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ҷоиз нест, ки андозҳое ки соҳибони молҳо бар молҳояшон мепардозанд, аз закоте ки воҷиб аст, ҳисоб карда шавад. Балки бояд закоти фарзшуда алоҳида баровarда шуда, ба мустаҳиққони шаръияш, ки онҳоро Аллоҳ таъоло дар ояти зерин муайян намудааст, сарф карда шавад:

﴿إِنَّمَا الصَّدَقَاتُ لِلْفُقَرَاءِ وَالْمَسَاكِينِ وَالْعَامِلِينَ عَلَيْهَا وَالْمُؤَلَّفَةِ قُلُوبُهُمْ وَفِى الرِّقَابِ وَالْغَارِمِينَ وَفِى سَبِيلِ اللَّهِ وَابْنِ السَّبِيلِ فَرِيضَةً مِّنَ اللَّهِ وَاللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ﴾

سورة التوبة: ٦٠

**«Садақаҳо танҳо барои фақирон ва мискинон ва коргузорони ҷамъоварии он ва дилҷӯшудагон ва барои (озод кардани) бандагон ва (пардохти қарзи) қарздорон ва дар роҳи Аллоҳ ва мусофирон (дарроҳмондагон) аст. Фаризаест аз ҷониби Аллоҳ. Ва Аллоҳ донои ҳаким аст».** (Сураи Тавба: 60).

Аллоҳ донотар аст.